*This article is about the concept of distance education and its effectiveness in the modern education system in the Republic of Tajikistan. The authors note that distance education allows students, military specialists, migrants, people with disabilities, unemployed, pregnant women, prisoners in the entire country and abroad, and other citizens to apply the constitutional rights of each individual to the information.*

***Keywords:*** *distance education, information and communication networks, competent education, constitutional rights.*

Низоми муосири таълим, ки хоси даврони истиқлолият мебошад, барои баланд бардоштани сифати таълим ва бедор кардани завқу ҳаваси хонандагон ба донишомӯзӣ мусоидат менамояд. Дар чунин шароит таҳсилоти фосилавӣ метавонад кумак расонад чун, ки ин низоми таҳсилот дар ҷаҳони муосир бештар дар ҳоли рушд қарор дорад.

Дар ин асос рушди низоми таҳсилот, ки яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад ва дар ин замина таҳсилоти

фосилавӣ ҳамчун амри қобили таваҷҷӯҳи нақшаи стратегии ислоҳоти мазкур дониста мешавад.

Ҳанӯз аз миёнаҳои солҳои 70-уми асри гузашта дар бисёре аз мамлакатҳои Аврупо муассисаҳои таълимии шакли нав ба миён омаданд, ки онҳо донишгоҳҳои «кушода», «фосилавӣ» ё ин ки коллеҷҳои «электронӣ» ном гирифтаанд. Ба монанди, Донишгоҳи Кушоди Британия (The Open University), ки ҳануз аз солҳои 1969 фаъолияти худро оғоз намудааст. Донишгоҳ барои он «кушода» ном гирифтааст, ки имконияти барои ҳама дастрас, арзон ва босуръат буда, барои он лозим нест, ки доимо дар машғулиятҳои аудиторӣ иштирок кардан танҳо дар ҳолатҳои зарурӣ, ҳузур доштани хонанда кифоя мебошад.

Дигар аз донишгоҳҳои машҳури ҷаҳон, ки бо барномаҳои таҳсилоти фосилавӣ рӯи кор омадаанд:, Донишгоҳи миллӣ-таҳсилоти фосилавии Испания (соли 1972), Донишгоҳи Кушоди Хаген дар Германия (соли 1974), Донишгоҳи миллӣ-технологии ИМА (соли 1984), ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд.[6].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккулёбии ин шакли муосири таҳсилот, яъне таҳсилоти фосилавӣ, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013 мувофиқ меояд.[7].

Қабули қонунҳои мазкур яке аз қадамҳои аввалин дар инкишофи низоми таҳсилоти фосилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Инчунин, Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2017, №7/35 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», мебошад, ки тадриҷан ташаккул ёфта истодааст.

Мувофиқи моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»[7] «таълими фосилавӣ - яке аз шаклҳои ба даст овардани касб, ки шахс берун аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, тавассути воситаҳои электронӣ ва телекоммуникатсионӣ таҳсилоти олии касбиро соҳиб мегардад», фаҳмида мешавад.

Аз матни моддаи овардашуда чунин ба назар мерасад, ки таҳсилоти фосилавӣ барои гирифтани таҳсилоти олии касбӣ равона карда шудааст, аммо дар асл бояд ин хел набошад, зеро бо назардошти таҷрибаи аксари кишварҳои муттарақӣ таҳсилоти фосилавӣ инчунин барои гирифтани таҳсилоти умумӣ ва иловагӣ низ имкониятҳои васеъ дорад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» бошад, чунин мафҳуми таҳсилоти фосилавиро пешбини намудааст: «таҳсилоти фосилавӣ - тарзи амалигардонии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ки таълимро дар масофа бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгор ва таълимгирандагон имконпазир мегардонад».(м.1)

Аз омӯзиш ва таҳлили баъзе адабиёти ватанию хориҷӣ бар меояд, ки олимон Мӯҳсинов М.А. Раҳимов Н.Т. Ҳазратқуловой А.В. Хуторский А.В. Абрамовский А.Л. Поздняков В.Ава дигарон вобаста ба мафҳуми таҳсилоти фосилавӣ фикрҳои гуногун доранд.

Олими намоёни рус А.В. Хуторский таҳти мафҳуми мазкур чунин андеша дорад: «таҳсилоте фаҳмида мешавад, ки дар он новобаста аз масофа, тарафҳо ҷараёни таълимро ба воситаи хизматрасонии телекомуникатсионӣ соҳиб мегарданд».[5].

М.А. Муҳсинов бошанд чунин менависанд, ки: «таҳсилоти фосилавӣ-чунин шакли омӯзишро ифода мекунад, ки дар он омӯзгор барномаи таълимиеро кор карда мебарояд, ки асосан ба омӯзиши мустақилонаи донишҷӯ такя мекунад. Чунин воситаи омӯзиш бар он асос ёфтааст, ки хонандагон асосан аз омӯзгорон ҷудо ва дар

фазои дур аз ҳам қарор дошта, дар як вақт донишҷӯ ва муаллим имкони ба амал баровардани гуфтугӯи байниҳамдигарро тавассути воситаҳои телекамуникатсионӣ соҳибанд».[1].

Аз мафҳумҳои дар боло зикрнамуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки онҳо пурра мафҳуми таҳсилоти фосилавиро қонеъ намекунад.

Бархе аз муҳаққиқон, бо назардошти мақоми хосаи телекоммуникатсия дар ташкили таҳсилоти фосилавӣ онро ҳамчун таҳсилоти телекомуникатсионӣ ном мебаранд. Ба назари мо, дар робита ба тафсири истилоҳии ин мафҳум «таҳсилоти фосилавӣ»-ро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло ба мафҳуми таҳсилоти фосилавӣ чунин таъриф додан мумкин аст: «таҳсилоти фосилавӣ - тарзи амалигардонии раванди таълим, бо истифода аз воситаҳои электронӣ ва шабакаҳои иттилоотию иртиботӣ, ки таълимро дар масофа бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгору таълимгирандагон ва ҳайати таълимию ёрирасон роҳандозӣ карда мешавад» фаҳмида мешавад.

Аҳамияти таҳсилоти фосилавӣ дар низоми муосири таълим дар он аст, ки имконият дорад нисбати тамоми аҳолии минтақаҳое, ки дар онҳо шароит барои тайёрии касбӣ ва гирифтани маълумоти олии босифат мавҷуд набуда, донишгоҳҳо фаъолият надоранд ва ё муаллимон барои омодагии фанҳои ҷудогона намерасанд, ба таҳсил фаро гирифта шаванд.[3].

Афзалиятҳои зинаи муосири системаи таҳсилоти фосилавӣ имконият медиҳад, ки:

- имконият барои донишҷӯ новобаста аз мавқеи ҳудуди ё мавқеи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҷинс, миллат ва мансубияти динӣ;
- сарфа намудани вақт (донишҷӯ вақти худро мустақилона ба нақша мегирад, барои таҳсил ё дигар корҳо);
- кам кардани сарфаҳои зиёдатӣ (донишҷӯ чун ҳар вақта ҳар рӯз аз воситаҳои нақлиёт истифода намебарад ё дигар сарфаҳои иловагӣ);
- ташкили ҷараёни омӯзише, ки ба рушди қобилиятҳои фардии ҳар як донишҷӯ нигаронида шудааст ва ташаккули қобилиятҳои фардии онҳоро таъмин мекунад;
- омӯзиши технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;
- ба даст овардани малакаи омӯзиши мустақилонаи илму дониш;
- дастрасии васеъ ба маводи таълимӣ-методии электронӣ;
- мутобиқшавии ҷавонон ба шароити тағйирёбандаи иҷтимоӣ ва ҳаёти ҷомеа;
- таҳсилоти озод ва таъминкунандаи донишу иттилоот ба табақаҳои мухталифи иҷтимоӣ;
- имконияти ҳамкорӣ бо донишҷӯён дар давраи бемории онҳо;

Таҳсилоти фосилавӣ ба донишҷӯ, мутахассиси соҳаи ҳарбӣ, муҳоҷирон, маъюбон, бекорон, занони ҳомила, маҳбусон дар тамоми навоҳии мамлакат ва хориҷ аз он ва дигар шаҳрвандон барои татбиқи амалии ҳуқуқҳои конститутсионии ҳар шахс ба иттилоот имкони баробарро медиҳад. Маҳз, ҳамин низом метавонад талаботи ҷомеаро ба эътибор гирифта, татбиқи амалии ҳуқуқҳои конститутсионии ҳар як шаҳрвандро қатъӣ ва ба таври воқеӣ бо маълумот таъмин намояд.

Дар баробари он афзалиятҳое, ки низоми таҳсилоти фосилавӣ ба мо фароҳам меорад, наметавон баъзе норасоиҳоро низ нодида гирифт, ба монанди:

- норасоии муошират бо дигар донишҷӯён баҳри мубодилаи таҷриба;
- маҳдудияти муоширати шахсии омӯзгорон бо таълимгирандагон;
- зарурияти ангезаи шахсии хонанда;
- маҳорати мустақилонаи донишҷӯ барои аз худ намудани илму дониш;

Бо дарназардошти рушди илму маориф ва низоми таҳсилот дар суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ 30-юми августи соли 2017 ба ин масъала диққати махсус зоҳир намуда, иброз доштаанд:,

“Дар шароити имрӯза раванди таълиму тадрисро бе истифодаи васеи воситаҳои техникӣ ва технологияҳои муосир тасаввур кардан ғайриимкон аст. Имрӯзҳо вақти он расидааст, ки ба усули анъанавии таҳсили ғоибона хотима бахшида, таҳсилоти фосилавӣ ба роҳ монда шавад. Дар баробари ин, самаранок ба роҳ мондани таҳсилоти салоҳиятнок ва давра ба давра ҷорӣ намудани он дар ҳамаи зинаҳои таълим талаби замон мебошад.”[4].

Таҳсилоти фосилавӣ зинаи нави рушди таҳсили ғоибона ва ҳам рӯзонаи таҳсил буда, дар он истифодаи технологияҳои иттилоотӣ таъмин шудааст. Ҳарчанд таҳсили фосилавӣ бо таҳсили ғоибона дар алоқаманди қарор дошта бошандҳам аммо аз рӯи баъзе хусусиятҳояшон онҳо аз якдигар фарқ мекунанд. Инҳо шаклҳои гуногуни таҳсил мебошанд, аммо онҳоро бисёриҳо аз як дигар фарқ намекунанд. Таҳсили фосилавиро чунин тавсиф додан мумкин аст, ки он доимо дар ҳолати интерактивӣ қарор дорад, бинобар ин зарур аст ки онро ҳамчун шакли нави таълим таҳлил намуд.

Фарқияти он аз намуди ғоибонаи таҳсил дар он аст, ки қисми муҳими маводи таълимӣ на соҳибихтиёрона, балки дар муносибати пайваста бо омӯзгор (машварат бо воситаи почтаи электронӣ, скайп, семинарҳо дар режими online ва offline) азхуд карда мешавад.

Таълими фосилавӣ ба монанди таълими рӯзона аз рӯи таркиб ва сохтори худ бо ҳамдигар дар алоқамандӣ қарор доранд, аммо фарқияташ дар расонидани маводи таълимӣ ва ҳамкории мутақобилаи донишҷӯён бо омӯзгор мебошад.[3].

Ташкили раванди таълим дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ ба истифодаи усулҳои муосири тайёр кардани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ ва ба талаботи бозори дохилӣ ва берунии меҳнат ҷавобгӯ будани онҳо мусоидат менамояд.

Таҳсилоти фосилавӣ ба мантиқи рушди низоми маориф ва ҷомеа ба таври мақсаднок мувофиқат мекунад.

Дар заминаи ҳамаи он афзалиятҳои дар боло оварда шуда, чунин мешуморем, ки низоми таҳсилоти фосилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур ва талаби замон аст. Чунки ин низоми муосири таълим метавонад барои коҳиши мушкилоти иҷтимоӣ, нобаробарӣ дар соҳаи омӯзиш мусоидат намояд, зеро таҳсилоти фосилавӣ усули беҳтаринест, ки барои мутобиқ намудани шароити иҷтимоикунонии касбӣ, гирифтани маълумоти босифат аз ҷониби намояндагони гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ нигаронида шавад.

Бо дарназардошти сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва принсипи баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат пешниҳод менамоем, ки агар нисбати маҳбусон, ки дар муассисаҳои ислоҳи адои ҷазо менамоянд ба таҳсилоти фосилавӣ фаро гирифта шаванд ба мақсад мувофиқ мешуд.

Аз ин рӯ яке аз масъалаҳои актуалӣ дар самти навсозии низоми маориф татбиқ намудани технологияи муосир дар системаи таҳсилоти фосилавӣ ва тағйирдиҳӣ шакл ва методӣ ҷараёни таълим дар муассисаҳо мебошад. Ҳамаи ин дар навбати худ талаб мекунад, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ вобаста ба ин нав карда шаванд.

Аз омӯзиш ва таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки барои пурра ва ҳаматарафа танзим намудани низоми таҳсилоти фосилавӣ дар соҳаи маориф бояд дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» меъёрҳои алоҳида ворид карда шаванд.

Бояд хотирасон кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол оид ба танзими ҳуқуқии таҳсилоти фосилавӣ санади махсуси қонунгузорие қабул нагардидааст ва шарҳу тавзеҳи пурраи илмии худро низ пайдо накардааст. Бинобар ин хуб мешуд, ки оид ба танзими ҳуқуқии таҳсилоти фосилавӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти фосилавӣ» қабул мегардид, ба мақсад мувофиқ мешуд.

## АДАБИЁТ


1. Мӯҳсинов М.А. // Таҳсилоти фосилавӣ ва самаранокии он дар раванди омӯзиш. // Номаи донишгоҳ // №2(51)2017
2. Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145.
3. Раҳимов Н.Т. Дистанционное образование в Худжанде/Н.Т. Раҳимов// Образование: стратегия перемен/ Материалы научно-практической конференции ТТУ-Душанбе, 2000-С.85-86;
4. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ 30-юми авгусити соли 2017.
5. Хуторской А. В. Научно-практические предпосылки дистанционной педагогики // Открытое образование. — 2001. — № 2. — С.30-35.
6. Хусяинов Т.М. История развития и распространения дистанционного образования // Педагогика и просвещение. — 2014. – № 4. – С.30-41. DOI: 10.7256/2306-434X.2014.4.14288
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009, № 531 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки аз 22 июли соли 2013, №1004
8. Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2017, №7/35 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»
9. Черная Е.А. Понятия дистанционного и электронного (дистанционного) обучения, опыт применения в Великобритании // Вектор науки ТГУ. – 2011. – №1 (4). – С. 171–174.
10. Шпагина К.Н. Правовой аспект дистанционного образования в России / К.Н. Шпагина, Е.Л. Фарафонтова // Материалы VII международной научно-практической конференции (Прага, Чешская республика, 29 декабря 2014). – Прага, 2014. – С. 189–192.


УДК 297(477.75)

**Шарипов М.И., Бойназаров Э.Х., Бойназаров Ҳ.Э.**

## ҶОЙГОҲИ ИЛМ ДАР ИСЛОМ

Дар мақола мавқеъ ва ҷойгоҳи илм дар рушду нумуи ҳаёти иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷаҳони ислом баррасӣ гардидааст. Махсусан ҳадисҳои паёмбар Муҳаммад (с.а.в.с) доир ба омӯзиши илму маърифат ҳамчун омили ташаккули инсон ва пирузии некӣ аз болои бадиву ҷаҳолат мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**Вожаҳои калидӣ:** Ислом, дониш, илм, паёмбар Муҳаммад, ҳадис, рушд, фазилат, тамаддун, ҷаҳиши фикрӣ.

**Шарипов М.И., Бойназаров Э.Х., Бойназаров Х.Э.**

**МЕСТО НАУКИ В ИСЛАМЕ**

В стате рассматривается место и значение науки в развитие экономической, социальной и культурной жизни исламского мира. Анализируется роль и значение наставление (хадиси) пророка Муҳаммеда (мир ему) об изучение науки как фактора формирования личности.

**Ключевие слова:** Ислам, знание, наука, пророк Муҳаммед, хадис, развитие, человеческое совершенство, цивилазия, развитие мышление.

**Sharipov M.I., Boinazarov E.H., Boinazarov H.E.**

**PLACE OF SCIENCE IN ISLAM**

The article examines the place and significance of science in the development of the economic, social and cultural life of the Islamic world. The role and importance of the admonition (hadith) of Prophet Muhammad (peace be upon him) about the study of science as a factor of personality formation is analyzed.

**Keyword of the word:** Islam, knowledge, science, prophet Muhammed, hadith, development, human perfection, civilization, development of thinking.

***“Илм болотар аз ибодат аст”***
***– фармудааст паёмбар Муҳаммад (с.а.в.с.)***

Илм дар дини муқаддаси Ислом ҷойгоҳ ва мақоми махсусеро соҳиб аст. Дар Қуръон ва каломи паёмбари ислом ва осори бузургони дин ва тавсияҳои бисёре ба омухтани илму дониш вуҷуд дорад ва метавон гуфт супориш ба илмомузӣ яке аз бузургтарин муқаррароти ислом аст. Ба таври мисол дар оятҳои чорум ва панҷуми сураи алақ доир ба нақши илм дар ҳаёти инсон омадааст. «Аллази аллама билқалам»(4), (Он Худое,ки башарро илми навиштан ба қалам омухт), «Алламал инсона мо лам яълам» (ва ба одамӣ он чиро ки намедонист ба илҳоми худ таълим дод) (5).

Агар мо ба китоби муқаддаси «Қуръон»-и азимушшаън назар афканем, навиштан ба қалам ин аввалин зербинои илму дониш аст. Дар ҳадис ва суханони паёмбари ислом Муҳаммади мустафо (с) тавсияҳои бисёре барои омухтани илм ва дониш вуҷуд дорад. Эшон омузиши илмро ба ҳамагон фарз донистаанд: «Талабул илми фаризатун ало кулли муслимин ва муслиматин» омӯхтани илму дониш барои мардону занони мусулмон фарз аст.

Ҳадиси машҳур: «Утлубул илма ва лав биссин» (Илм агар чи дар Чин бошад биомӯзед) нишон медиҳад, ки ислом барои омӯхтани илм чунон аҳамияте қоил аст, ки агар барои омӯхтанаш тайи мусофирати дурудароз низ лозим бошад, бояд барои касби он талош кард. Дар дини муқаддаси Ислом фазилати илму дониш ва уламо бузургтар аз ибодат аст. Шахсе пурсид: «Ё расулуллоҳ, ду нафар яке олим, дигаре обид кадоме бузургтар аз якдигаранд?»

Паямбари Худо ҷавоб доданд: «Фазилати олим дар баробари обид мисли фазилати ман бар камтарини шумо аст…» Дар ривояти дигар фазилати олим нисбат ба обид мисли моҳи чаҳордаҳ дар нисбати ситораҳост. Ё дар ривояти дигаре омадааст, вақте ки дарҳои ҷаннат кушода мешавад, обидон вориди он мегарданд, вақте ки навбат ба олим мерасад, ӯро таваққуф менамоянд, зеро ки боз чанд нафари дигарро ҳамроҳи худ ворид намояд. Ва аз ин ҳадис бармеояд, ки фазилати илму дониш бузургтар аз ибодат будааст.

Паёмбар (Салаллоҳу алайҳи ва саллам) бузургтарин дуоро барои Ибни Аббос (р.а.) чунин баён намуда буд: "Худовандо, ба Ибни Аббос, дар дин биниш ато фармо". Дар ривояти дигаре омадааст, ки Паёмбар (С.а. в. с) фармуд: "Бор илоҳо, ба ӯ китоби Қуръон биёмӯз!" ва ҳамон тавр низ шуд. Паёмбар (С.а. в. с) фармудаанд: "Ҳар кӣ дар роҳе ба талаби илм равад, Худованд барояш роҳеро ба сӯйи биҳишт осон мекунад. Фариштагон бошанд бинобар ризоияте, ки аз кораш доранд, болҳои худро барои толибилм мегустуронанд ва ҳама касоне, ки дар замину осмонанд, ҳатто моҳиҳо дар об, барои толибилм омурзиш металабанд.

Донишмандон меросбари паёмбаронанд ва паёмбарон аз худ дирҳаму динор ба мерос нагузоштаанд, балки аз худ илмро ба мерос гузоштаанд, ки ҳар кӣ онро гирифт, баҳраи зиёде гирифтааст". Худованд (ч) мефармояд: "Ҳар неъмете, ки доред аз Худост" (сураи "Наҳл" ояти 53), "ва Худо шуморо аз шиками модаронатон, дар ҳоле ки чизе намедонистед берун овард ва барои шумо гӯшу чашму дилҳо қарор дод" (сураи "Наҳл" ояти 78). Паёмбар (Салаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудааст: "Ман (Расуллулоҳ) тақсимкунандаи (улум ва маорифи шариат ҳастам), аммо атокунандаи аслӣ Худованд (ч) аст. Ин уммат ҳамчунон бар дини Худо усувор хоҳанд монд ва мухолифати мухолифин ба онҳо зараре нахоҳад расонид, то он ки қиёмат фаро расад".

Алӣ (р.а.) мефармояд: "Илм аз сарват беҳтар аст, зеро илм туро муҳофизат менамояд, аммо ту сарватро ҳифз менамоӣ, илм ҳукму фармондиҳанда ва сарват ҳукмпазиру маҳкум аст, сарват бо сарф кардан кам мегардад ва илм бо сарф намудан зиёд мегардад". Ҳамчунин Алӣ (р.а.) мефармояд: Як донишманд аз шахси рӯзадору шаббедор бартар аст ва бо марги як донишманд дар Ислом шикофе меафтад, ки ҷуз бо ҷонишине аз вай пур намегардад. Худованд (ч) дар Лавҳ-ул-маҳфуз нигоштааст, ки: нестии ин дунё ва вайронии он вобаста ба марги олимони он аст. Ба ин маъно дар Саҳеҳайн баён шудааст, ки Паёмбари Худо (Салаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд: "қиёмат вақте барпо мешавад, ки нодонӣ интишор ёфта, дониш баргирифта шавад.

Худованд (ч) илмро аз синаи бандагони худ нест намекунад, балки бо вафоти донишмандон онро аз байн мебарад. Вақте донишмандон аз байн рафтанд, мардум чоҳилонро раҳбари худ қарор медиҳанд ва масоили худро аз онҳо мепурсанд. Раҳбарашон низ аз рӯйи чаҳолат, фатво медиҳад, ки ҳам худ гумроҳ мешавад ва ҳам дигаронро ба гумроҳӣ мекашад". Бинобар ин қиёмат танҳо бо марги донишмандон фаро мерасад.

Дигар фазилату арзише, ки илм дорад ин аст, ки дар пешопеши амал қарор дорад ва инсонро ба амалгароӣ роҳнамоӣ менамояд.

Дар ҳадиси машҳур, ки аз Маъоз дар мавриди фазилати илм, ибни Абдулбир онро ривоят менамояд чунин омадааст:

“Илмро биомӯзед! Зеро фарогирии он худогароӣ, касби он ибодат, мадорисаш зикру тасбеҳ ва таҳқиқу баррасиаш ҷиҳод, омӯзиши он садақа ва бахшиш аз он муҷиби наздик шудан ба Худованд мебошад”.

Таърихи тамаддуни исломӣ собит менамояд, ки дар асрҳои V111 – X111-и милодӣ, мусалмонон дар илмҳои гуногун дастовардҳои зиёле доштанд. Устувор шудани ҳокимияти давлатӣ, сохта шудани донишгоҳҳо ва расадхонаҳо ва тарҷумаи асарҳо ва китобҳои илмӣ аз забонҳои дигар монанди юнонӣ, суриёнӣ ва паҳлавӣ ба забони арабӣ ва тавассути он ба забони форсӣ аз ҷумлаи муҳимтарин далелҳои пешрафти илмии мусалмонон дар ин даврон ба шумор мераванд, Донишгоҳи Бағдод маркази шаклгирии эҳёи тарҷума дар тамаддунҳои исломӣ шуд. Талоши донишмандони мусулмон заминаҳои мухталифи илмӣ, тарҷумаи асарҳо аз забони дигар ва навиштани китобҳои нав омили шаклгирии як китобхонаи бисёр бузурге дар ин донишгоҳ ба номи Байт –ул –ҳикмат шуд. Собит ибни Қурра яке аз

машҳуртарин донишмандони мусулмон буд, ки беш аз сад асарҳоро дар бахшҳои риёзиёт, нуҷум, физика, табиатшиносӣ, мусиқӣ, тиббӣ ва ғайра ба забони арабӣ тарҷума кард. Тарҷумаҳо ва мақолаҳои илмӣ на танҳо бар рӯи коғаз навишта мешуд, балки аввалин маротиба ба дасти мусулмонон ба шакли китобҳо дастрас гардида, омили таҳаввул дар интишори илм ва омӯзиши он шуд. Пешрафт дар коғазсозӣ ва саҳифабандии китоб сабаб шуд, китобхонаҳои бузурги дигаре дар гӯшаю канори кишварҳои исломӣ аз Самарқанду Бухоро, Шероз ва Нишопур, аз Қоҳира то Андалус шакл гиранд. Нахустин бор дар ҷаҳон ин китобхонаҳо ба алоқамандон китобҳоро ба амонат медоданд. Густариши илм ва сохта шудани китобхонаҳо боиси ба ташаккулёбии донишгоҳҳои бузург дар саросари давлатҳои исломӣ шуд. Масалан, Донишгоҳи Қуруйини Марокаш дар миёнаҳои (асри 1Х мелодӣ) ба донишҷӯёнаш дар риштаи пизишкӣ таълим медод. Ё донишгоҳи Алазҳари Миср, ки як аср баъд сохта шуд, ҳанӯз яке аз муътабартарин донишгоҳҳои ҷаҳони ислом аст. Ин заминаи мусоид сабаб шуд, мусулмонон дар даврони тиллоӣ даст ба таҳқиқот ва эҷодиёти илмии бисёре заданд. Аввалин китобҳои фанни ҳисоб ба воситаи Муҳаммад Ибни Мусои Хоразмӣ, риёзидон, мунаҷҷим, муаррих ва ҷуғрофиядони мусулмон дар солҳои ибтидоии (асри Х- милодӣ) навишта шуд.

Ҳаким Умари Хайёми нишопурӣ дар авҷи шукуфоии тамаддуни исломӣ гардиши курраи заминро дар атрофи хуршед пешниҳод намуд ва муваффақ ба ҳалли муодилоти дараҷаи 3 гаврдид. Муҳаммад ибни Ҷобири Баттонӣ, риёзидон ва мунаҷҷими барҷастаи мусалмон буд, ки таъсири зиёде бар донишмандони илми нуҷум ва риёзидонон пас аз худ аз ҷумла Копперник гузошт ва Киплер ва Галилей таваҷҷуҳи зиёде ба расадҳои ӯ доштанд. Дар (асри Х милодӣ), машҳуртарин донишномаи илмӣ фалсафӣ ва пизишкӣ тавассути ибни Сино навишта шуд. Китобҳои Шифо ва Қонуни тиб, ки ба воситаи ӯ навишта шудаанд, ҳанӯз ҳам ҷузъи намоёнтарин осори таърихии пизишкӣ ҳастанд.

Инҳо чанд намуна аз осори илмии арзишманде ҳастанд, ки дар ин даврон ба дасти мусалмонон эҷод шуданд. Асарҳои зиёди дигаре дар ин даврон ба воситаи донишмандони мусулмон навишта шудаанд, ки таъсири бисёре бар ҷаҳони илми баъд аз худ гузоштаанд ва ҳанӯз ҳам ҷузъи муҳимтарин пешрафтҳои илми таърих маҳсуб мешаванд.

Боиси таассуф аст, ки баъди ҳамлаи Чингизхони муғул ба Мовароуннаҳр ва Хуросону Эрон ва ишғоли Бағдод ба дасти муғулон боиси тағйири вазъият ва пасравию ақибмондагии мусалмонон гардид. Баъд аз таназзули тамаддуни исломӣ дар солҳои Эҳё ва ё худ ренесанс ин бор аврупоиён даст ба тарҷумаи осори даврони тилоии тамаддуни исломӣ заданд, ҳатто бисёре аз осори файласуфон ва донишмандони Юнонӣ аз тариқи тарҷумаи осорашон аз арабӣ ва форсӣ ошно шуданд. Китобҳои тарҷумашуда аз арабӣ ва форсӣ ба забонҳои аврупоӣ ба рушди илмӣ дар ин минтақа таъсири бисёре гузошт. Ошноӣ бо илми нав дар канори сабабҳои дигаре боис шуд, дар чанд асри гузашта Аврупо ва тамаддуни ғарбӣ парчамдори пешрафти илмӣ дар ҷаҳон шаванд.

Хушбахтона дар тайи даҳсолаҳои гузашта, ҷаҳиши фикрӣ, илмӣ ва фарҳангӣ дар ҷомеаҳои исломӣ ба амал омад. Ин ҷаҳиши фикрӣ боиси рушди эҷоди илмӣ ва технологӣ дар кишварҳои исломӣ шудааст. Ба монанди Туркия, Эрон, Малайзия. Дар айни ҳол, донишмандони мусалмон нақши муассире дар инкишофи илму технология нақши арзандаеро иҷро менамоянд. Ин ҷаҳиши фикрӣ ва илмӣ, агар бо усулҳои муносиб ҳамроҳ шавад, метавонад заминасози рушди кишварҳои исломӣ дар эҷоди илм, фанноварӣ ва қарор гирифтани ин кишварҳо дар ҷойгоҳи муносибе дар ҷаҳон шаванд.

**ИЛМҲОИ ТЕХНИКӢ ВА ТЕХНОЛОГИЯ**
**ТЕХНИЧЕСКИЕ НАУКИ И ТЕХНОЛОГИИ**

УДК 29

**Мақсадов Ҳ.И.**

## САҲМИ НАСРИДДИНИ ТӮСӢ ВА РАСАДХОНАИ МАРОҒА ДАР РУШДИ ИЛМИ ҶАҲОНӢ

*Дар мақолаи мазкур саҳми олимони асри миёна дар рушди илми нуҷум баррасӣ гардида, маълумот оид ба расадхонаҳо, аз ҷумла саҳми онҳо дар рушди илми нуҷум оварда шудааст. Нишон дода шудааст, ки ин олимон яке аз асосгузори илми бунёдӣ маҳсуб дар ҷаҳон маҳсуб меёбанд.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *астрономия, расадхона, зиҷ, Тӯсӣ, Берунӣ, Хайём, Марога.*

**Максадов Х.И.**

## ВКЛАД НАСИРИДДИНА ТУСИ И МАРАГИНСКОЙ ОБСЕРВАТОРИИ В РАЗВИТИЕ МИРОВОЙ НАУКИ

*В статье приведено вклад таджикский среднековые учени в развитые астрономии и обсерватории, особенно их достижения в области астрономических инструментов. Было показано, что этих учений является одним из основоположников фундаментальных наука в мире.*

***Ключевые слова:*** *астрономия, обсерватория, зидж, Туси, Беруни, Хайям, Марога.*

**Maksadov H.I.**

## CONTRIBUTION OF NAZIRIDDIN TOUSI AND MARAGINA OBSERVATORY TO DEVELOPING WORLD SCIENCE

*The article presents the contribution of Tajik middle-aged students to developed astronomy and observatories, especially their achievements in the field of astronomical instruments. It was shown that these teachings are one of the founders of the fundamental science in the world.*

***Keywords:*** *astronomy, observatory, zidzh, Tusi, Beruni, Khayyam, Maragoga.*

Дар ибтидои асри XIII муғулони бодиянишин бо сардории Чингизхон мисли туфони балоангез ба сарзамини ҳосилхезу ободи Мовароунаҳру Хуросон мисли як балои осмонӣ ҳамлавар шуданд. Муғулон империяи Хоразмшоҳонро аз байн бурданд, яъне қадамтарин давлатдории эронии Хоразм дар ҳудуди Осиёи Марказиро.

Аз ин пас яке аз паси дигар шаҳрҳои обод –марказҳои бузурги фарҳангию илмии мардуми тоҷик- шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Балх, Ҳирот, Хуҷанд, Нишопур ва ғайраҳо ба хок яксон карда шуд. Мардум нест, дарбадар, асири муғулони ваҳшӣ мешуданд, масҷиду мадорис, қасру кӯшкҳо, корвонсароҳо ба хок яксон мешуданд, инчунин бузургтарин дастоварди миллии мардуми тоҷик китобу китобхонаҳо ба оташ кашида мешуд.

Як гуруҳ сиёсатмадорон ва торихнигорони муғул исбот карданӣ мешаванд, ки истилои муғул дар Осиёи Марказӣ ва Хурсон барои паст шудани сатҳи илму дониш ҳеҷ таъсири манфие надоштааст ва гӯё, ки баръакс барои ривоҷи илмҳои астрономӣ мусоидат кардааст. Инро пеш аз ҳама дар мисоли дастовардҳои олимони ҳавзаи

илмии Мароға бо роҳбарии Ҳоҷа НасириддиниТӯсӣ ҳадс мезананд. Дар хақикат дар замони истилои муғул мактаби илмии Мароға давраи шукуфоии худро бо роҳбарии Хоҷа НасириддиниТӯсӣ аз сар мегузаронид ва бешубҳа дастгирии молии хони муғул Ҳалокухон дида мешуд. Дар асл бошад, вақте ки соли 1256 мелодӣ Ҳалокухони чингиз қисми ғарбии Эронро забт кард ва давлати худро дар он ҷо таъсис дод, Хоҷа НасириддиниТӯсӣ аллакай олими забардаст ва машҳуру маъруф буд. Инчунуни синни ӯ низ аллакай (1201-1277) ба 55 солагӣ расида буд.

Илми астрономия бошад дар ин хитта торихи тӯлони дошта, дар асрҳои IX Xv- боз ҳам ривоҷу равнақ ёфт ва намояндагони бузурги он аз қабили ал-Хоразмӣ , ал-Берунӣ, Ибни Сино , ал- Хуҷандӣ, ал-Фарғонӣ кайҳо дар ин ришта дар олам шинохта шуда буданд. Асри XIII бошад дар замина ва пойдевори мустаҳками бевоситаи он даврон бино ёфта буд.

Истилои муғул боиси фавҷи бузурги фирор ва кӯчиши мардуми бумии эронинажод, аз он ҷумла намояндагони бомаърифати ҷомеа гардид, ки ин боиси ривоҷу равнақ ёфтани илму маърифат дар манотиқи ҳамҷовари аз истилои муғул бозмонда гардид. Ҳамин тариқ, истилои муул барои фарҳангу тамаддуни эронӣ талафоти бузургу гӯшноошунид овард, ки асрҳо метаван гуфт тараққиёту пешрафти мамлакатро боздошт.

Вазъи ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ – фарҳангии Хуросон ваМовароуннаҳр дар асри XIII ҳаматарафа инъикоси худро дар осори ду нафар торихнигорони машҳури тоҷики ин даврон –Ҷувайнӣ (1226-1263 с.) «Торихи ҷаҳонкушо»–и Рашидиддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ (1247-1319с.)« Ҷомеъ-ат-таворих», ки ба забони тоҷикӣ иншо шудааст, пайдо намудааст.

Бо вуҷуди асри кушторҳои ваҳшиёнаи муғулони бехираду ваҳшӣ буданаш асри XIII дар торихи илму фарҳанги форсу –тоҷик мақоми хосеро дорост, чунки дар ҳамин аср олимони бузург Хоҷа Насириддини Тӯсӣ ва Қутбуддини Шерозӣ илмро ба дараҷаҳо боло бурдаанд. Онҳо калонтарин ва дар айни замон мукаммалтарин рассадхонаи то замони худ –расадхонаи Мароғаро барпо намуданд, ки назираш дар асрҳои миёна набудааст ва то имрӯз яке аз бузургтарин рассадхонаҳои асрҳои миёна шинохта шудааст. Аз ин рӯ, асри ХШ бо вуҷуди асри ғоратгариҳо ва хунрезиҳои муғулон буданиш боз ҳам асри мактаби байналмилалии Мароға бо сарварию сарпарастии Хоҷа Насириддини Тӯсӣ мебошад.

Асри ХШ дар таърихи илм бо номи Мароғ ва асосгузору бунёдкунандаи он олими бузурги энсиклопедист ХоҷаНасириддиниТӯсӣ (1201-1274) зич алоқаманд аст. Ба вижа дар ҳамин ҳавзаи илмӣ бо роҳбарии ин нобиғаи давру замонҳо Хоҷа Насириддини Тӯсӣ пойдевори илми асримиёнагии халқи тоҷик боз ҳам ривоҷу равнақ ёфта, барои ояндагон пойдевори мустаҳкаме мегардад.

Маҳз НасириддиниТӯсӣ ва мактаби илмии ӯ анъанаи давраи Сомониёнро аз худ намуда, борои ояндагон як пуле сохтанд, ки собиқаи онро мо дар давраи мактабҳои баъдина, махсусан мактаби ҳавзаи илмии Самарқанд баръало ҳис менамоем. Аз гуфтаи муаррихони торихи илм бармеояд, ки мактаби барпокардаи Хоҷа НасириддиниТӯсӣ бо тамоми олоту дастовардҳои ҳамонвақтаи илмӣ муҷҷаҳаз будааст.

Махсусан расадхонаи Мароға, ки калонтарин расадхонаи то замони худ мебошад, ба ин гуфтаҳо далел шуда метавонад. Он аз олоту абзорҳои нуҷумиву муҳандисӣ иборат буда, назири худро то он замон ва баъдан ҳам надоштааст (М.М. Рожин, Г.П .Матв.М. 1999 г. С.33). Дар ин академияи байналмилалӣ зиёда аз 100 нафар олимони гуногунмиллату гуногунмазҳаб паҳлуи ҳам бо роҳбарии алломаи замон Хоҷа НасриддиниТӯсӣ тасниф менамуданд.

Дар ин маркази илмӣ зиёда аз 10 намуд асбобҳои дақиқсанҷи рамлу зич сохта шуд ( Мударриси Разавӣ. Шарҳи аҳвол ва осори Хоҷа Насир. Теҳрон 1356ҳ. С.53)2.

Метавон тасаввур намуд, ки ҳавзаи имии Мароға дар он замон чӣ қадар ҳам аз чиҳати ҳайати уламо, ҳам аз ҷиҳати маблағгузорӣ ва ҳам аз ҷиҳати шахсиятҳои бузургу фарзона мӯҳташам буд. Инро муаррихини торихи илм ва муҳақиқони ҷудогона зикр ва тасдиқ намудаанд. Олимони ин ҳавзаи илмӣ дастовардҳои илмии то худро баррасию такмил дода худ ба дастовардҳои нодир ноил шунаанд. Махсусан дар сохтани олоти рассад ва нуҷум ,ки собиқаи худро надорад.

Дар ин ҳавзаи илмиӣ борои аввал иттифоқ афтодааст, ки (дар ҳавзаҳои илмии мусулмонӣ) баробари уламои шарқи–мусулмонӣ, уламо аз Чин низ дар таҳияву танзими илми нуҷум баробари уламои расадхонаи Мароға иштирок кунанд. Ин нафар ки бо номи Те – му -чи (TOU – Mi- tzeuё Fao-mun – ji) машҳур буд, Ҳалокухон ӯро аз Қароқурум ( Хонбулоғ) бо худ ба Мароға оварда буд. Ин олими чиноӣ Хоҷаро барои таҳияи моҳу солҳои чиноӣ кӯмак намудааст. Инро мо аз муқаддимаи «Зиҷи Элхонӣ» дида метавонем, ки моҳу солҳои чиноӣ дар он инъикоси худро ёфтааст.

Мухаммад бин Шокир дар китоби «Фавоит-ал-вафойит»- овардааст : «Шамсуддин аз Ҳасан бини Ахмад рафиқи худ ҳикоят мекунад, ки вакте ман ба Мароға мусофират кардам ва барои дидани рассад ба он ҷо рафтам. Садриддин Али писари Хоҷа Насириддини Тӯсӣ, ки чавон ва дар улуми нуҷум ва шеър табҳар ва маҳорати босазо дошт, муттавалии расад буд. Ва дар маҳали расад бо Шамсуддин писари Муъйиддин –ал-Арзӣ ва Шамсуддини Шервонӣ ва Шайх Камолуддин Илойки ва Ҳисомуддини Шомӣ мулоқот кардам ва низ дар он ҷо олоти рассад бисёр дидам, ки аз он ҷумла ҳалқаҳои чанде буд, ки панҷ доира аз мис сохта ва пардохта шуда буд. Яке доиранисфалнаҳор, ки бар замин маркуз ва мадофун буд ва дигар доирамаъдалалнаҳор ва дигар доирамантақалбурҷ ва дигар доираи майл. Ва хамчунин доираи дигаре, ки онро доираи шамсия (доираи самтия) мегуфтаанд ва ба воситаи ӯ самти кавокибро таъин кунанд».

Аз ин маълум мешавад, ки чи қадар олотҳои нодир ва дар айни замон мукаммалу муҷаҳаззи дар ҳамон айём пешрафтаву дақиқи илмӣ-ҳандасӣ, расадиву нуҷумӣ дар ҳавзаи илмии Мароға мавҷуд будаанд. Албатта бо надоштани донишхои амиқи риёзиву ҳандасӣ ва нуҷумиву меъмории мукаммал намешуд, ки ин қадар корҳо ба сомон расанд.

Бо чуръат метавон гуфт, ки қуллаи баланди илмии он замона (манзур асрхои 13-14 ) бо ибораи дигар гуям офтоби нурбахшу дурахшони илми назариявию амалии замони худ буданд уламои Мароға бо сардорию сарпарастии бунёдгузори худ Насириддини Тӯсӣ. Расадхонаи Мароға бо беҳтарин васоили он рӯза муҷаҳаз буда, ки баъзе аз онҳо эҳтимол баъди забти Аламут ва Бағдод аз тарафи Ҳалокухони муғул ба Мароға такмил ва истифода шудааст.

Муъйиддин Арзи дар китобе, ки дар шарҳи олоти расади Мароға навишта дар ин бора мегуяд: «…. Муттақаддимин он чи олоти расад сохта буданд ё маҳкам набуд ва ё зарофат надошт ва ё ба ъиллати санъи ҳайат сохтани он мушкил буд ва намешуд он чиро ки возеъ тасаввур карда аз қувва ба феъл овард, лиҳозо ағлаб онҳо сарфи назар шуда буд ва мо аз олоти қадима ончиро комилтар ва бехтар ва некӯтар буд интихоб кардем ва баъзеи дигар ҳам, ки ноқис буд такмил намудем ва бар онҳо олот ва абзореро ки худ ихтироъ карда афзудем».

Аз он ҷумла ихтироъкунандаи олоти таргит (Toduefum)-ро ба Насириддини Тӯсӣ нисбат медиҳанд. Ин олот аз ду доира муддаавар буда, ки дар рӯи саҳифоти мутаъомат қарор доштааст.

Аз гуфтаҳои муаррихин бар меояд, ки олимони ҳавзаи илмии Мароға зиёда аз 10 намуд олотҳои надири рамлу зиҷ ва умуман илми нуҷумро ихтироъ ва дар расадхонаи Мароға насб ва истифода мекардаанд. Гуфтаҳои болои аз забони яке аз улламои варзидаи ин расадхона худ шавоҳиди рӯшанест барои асботи фикри мо. Далелҳои зиёде аз навиштаҳои гузаштагоин гувоҳи медиханд, ки худи сохтмони бинои ин расадхонаи азим чи қадар тарҳу олоти ҳандасаро талаб мекард.

Ин чо ба маврид аст шавохидии як нафар мунначими хамин давра, ки худ бинои ин расадхонаро дидааст ба номи Хасан бини Алии Мунаҷҷиими Шерозӣ ба тариқи иҷмол биёварем: «сурати иморати ӯ мудаввар, даври ӯ дутабақа ва иморати мурабаъи мустақил, ки дар миён давр аст ва аз даври ъиморат баландтар. Тули ӯ ба қадри нисфи қутри доира рубъ аст панҷ газ(1м30см) шаръ балантар, чӣ аз охири дарича, ки аз он ҷо шуъои офтоб дар вақти нисфулнаҳор бар рабъ аст ва даричаи тӯлони ду газ ва се газ дигар бар болои дарича, ки сақфи иморат бошад. Тӯл ду табақа мудаввар чаҳордах газ. Табақи аввал ҳафт газ, табақаи дувум ҳафт газ, шаш сурох ба сақфи мурабаъ мусталил аст. Яъне болои ин иморат. Ва чун даргоҳ ба андарун раванд ъарзи он чаҳор газ ва ним аст. Ва ҳарду тараф дар ӯст даҳлезе ҳаст як кас бигардад то охири иморат ва аз ду тараф мурабаъ нардбон сохтаанд то рост болои рабъ тавон рафт.Ва бубинад ки шуъои офтоб дар кадом аҷзоъ тобидааст, ки он иртифоъи офтоб аз охири даричае, ки офтоб дар нисфулнаҳор аз он ҷо бар аҷзоъи рабъ метобад бисту се газ ва ним аст. Давраи зоҳир саду ҳаштоду шаш зироъ (ин аст) он чи дар китоби ин фан дида ва дар расади Мароға дид» (М.Разави. Аҳвол ва осори Хоҷа Насир. Теҳрон 135ҳ. С.50-51).

Аз ин гуфтаҳо хулоса ин аст, ки ин иморати азим ва бо тарҳи олии муҳандисию меъмори биношуда худ гувоҳ бар он аст, ки чи тафакуроти баланду илмӣ дар ҳамон давра пешрафта метавонист чунин як мӯъҷиза бар билоди исломӣ, бахусус дар Эрон ва Осиёи Марказӣ ба хисоб мерафт.

Пас аз тасалути Темури Ланг ин мавзеъро ҳамаи боигарии расадхона ба ягмо бурда шуд. Дар ин расадхона асари дастҷамъии «Зиҷи Элохонӣ» бо роҳбарии Насриддини Тӯсӣ тартиб дода шуд, ки баъд аз марги Хоҷа нотамом мондааст. Баъд аз даргузашти Хоҷа Насриддини Тӯсӣ кори ӯро шогирдон алалхусус писараш Хоҷа Аслидин бо хамрохии шагирди бузургаш Кутбуддини Шерозӣ давом додаанд. Вале бо вучуди ин ҷадвалҳо нотамом мондаанд. Баъд аз марги писари Ҳалоку-Обоқохон бинои азими расадхона ба таҷрид рӯ ба харобӣ овард ва оҳиста оҳста аз миён рафт. Имрӯз осоре аз харобаҳои он дар шаҳри Мароға боқӣ мондаасту халос.

Аммо алангаи гузоштаи олимони Мароға ба насли пасин дастрасӣ ёфт. Ин расадхона ва дастовардиҳои илмии он барои илми баъдинаи ҳам Машриқ ва ҳам Мағриб таккони бузурге расонидааст.

Баъд он ки Темури Ланг Мароғаро тасаруф намуд, ҳамаи олоту асбоб ва китобҳои китобхонаи бузургро бо фармони бевоситаи худи ӯ ба Самарқанд интиқол доданд. Албатта олимони расадхонаи Самарқанд олимони ҳаматарафа варзида буданд, вале мактаби Мароға ва дастовардҳои илмию назаравии он дар корҳои онҳо акси худро ёфт. Ба ғайр аз дастовардҳои моддии ин расадхона боз чанде аз олимони ин расадхона низ ба Самарканд бурда шуданд. Олимони хавзаи илмии Самарқанд дар риштаи нучум ва риёзӣ қариб пурра давомдиҳандагони мактаби илмии Мароға будаанд. Ин маънои онро надорад, ки онҳо танҳо корҳои илмии онҳоро такрор ё ташреҳ намудаанд, балки таъсир чунон будааст, ки онҳо худ нобиғаҳои ин фунун шинохта шудааснд. Дар ин замина ба кашфиётҳои нодири илмӣ мушарраф гардидаанд. Аз он ҷумла Алӣ Қушчии Самарқандӣ, Қозизодаи Румӣ ва Ғиёсуддини Кошонӣ мебошанд, ки дар таъриҳи илм манзалати баланде касб кардаанд. Ин олимон расадхонаи бузурги Самаркандро бунёд гузоштаанд, ки нури пурбаракати илмии он то имрӯз оламро рӯшан менамояд. Олимони расадхонаи Самарқанд махсусан аз дастовардҳои илмӣ ва олоту таҳҷизоти бо сардории Хоҷа Насриддини Тусӣ дар Мароға ба дастоварда, фаровон истифода намудаанд. Онҳо махсусан дар риштаи нуҷум ва риёзӣ, инчунин тарҳу олоти расдбандӣ дар зери таъсири Насириддини Тӯсӣ қарор доштаанд. Мисоли онро мо дар ҳисобу китоби «Зиҷи Курагонӣ», ки қариб давоми такмилёфтаи бевоситаи «Зиҷи Элхонӣ» мебошад дида метавонем. Инчунин дар ҳисобу китоби риёзӣ, махсусан аз осори бунёдии

Насриддини Тӯсӣ «Шакл-ул-Қитта» хеле фаровон истифода бурдаанд. Ҳамаи ин нишондаҳандаи он аст, ки мактаби Мароға дар ин замон чӣ арзиши баланде ва чӣ баракати пурборе, доштааст.

Бо ба даст овардани олоту абзори мукаммал олимони Мароға ба кафшиётҳои нодир мушарраф гардиданд.

Онҳо бори аввал дар торихи илм ҷойгиршавии ситорагони собитаро кашф намуданд, харитаи ситорагони маълумро тартиб доданд. Гирифти Маҳтобу Офтобро аз диди нав шарҳу эзоҳ намуданд. Махсусан дастcovardҳои онҳо ба коинот хело ҷолиб аст. Олимони Мароға ба воситаи ихтирооти олотҳои мукаммали ҳандасию расадӣ дар илми ҷуғрофия низ хеле дастовардҳои муҳим ба миён гузоштанд. Аз они ҷумла шаклу андозаҳои Замин, хисобу китоби нуқтаи эътидоли баҳори ва тирамоҳӣ, чен кардани кунҷи моили эпликтика ва экватор барои илм таҳкурсӣ ва шароити мусоид фароҳам овардааст. Ин дастоварди илмии Тӯсиро Христофор Колумб барои кашфи қораи Амрико истифода кардааст ( Мамадбейли Г.Д. Основатель марагинской обсерватории Насириддини Туси. Баку, 1961 ). Олимони расадхонаи Мароға бо роҳбарии Насириддини Тӯсӣ модели замин маркази коиноти Батлимусро (Птоломей)-ро тасҳеҳ дода ислоху такмил доданд, ки барои системаи гелиосентрии (Офтоб маркази сайёрагон) олими лоҳистони Николай Коперник замина шудааст (Ҳ. Исматӣ.Маҷ. Тоҷикистон .№1, 1999, ш.Душанбе).

Асри 13 бо вуҷуди дар таърих бо номи хунин –асри истимои муғулон Осиёи Марказӣ ва Эронро, асри ғорату қатли оми саҳронишинони муғулу totор ин сарзамини сарватманду мрдхезро буданаш боз бо расадхонаи Мароға, бо номи Насириддини Тӯсӣ, Қутбиддини Шерозӣ ва дигар мардони хунараш дар торихи илму ҳунар, махсусан тамаддуни ҳалки тоҷик мақому мартабаи босазое дорад.

Дар ин ҳавзаи илмӣ бо роҳбарии Хоҷа Насириддини Тӯсӣ як гурӯҳ олимони забардааст аз қабили Алӣ ибни Умари Қазвинӣ, Майддини Урдӣ, Фахриддини Мароғи, Муҳйиддини Мағрибӣ, Қутбиддини Шерозӣ, Асириддини Абҳарӣ буданд.

Гуфтан ба маврид аст, ки таъсири дастовардҳои ҳавзаи илмии Мароға ба ташаккал ва ривоҷи илми баъдинаи ҷаҳони, алахусус аврупоӣ такони бузурге расонидааст. Дастовардҳои техникию илмии он хавзаи илмӣ сабаби барпо шудани расадхонаи бузурги баъдина дар Хитой, Самарканд ва Ҳинд шуданд.

Насириддини Тӯсӣ 18 июни соли 1274 ( 18 зулҳиҷҷаи 674 х.) дар Бағдод вафот кард. Аз ӯ осори бузурги гаронбаҳое бокӣ мондааст, ки муҳақиқон ба зиёда аз 150 номгӯй дар риштаҳои гуногуни илм нисбат додаанд, ки муҳимтарини онҳо дар риёзиёт, нуҷум, физик, мантик, фалсафа, ахлоқ, сиёсати, молиёт, илоҳиёт, маъдан ва гайраҳо мебошанд. Бузургтарин осори илмии худро ӯ дар Мароға иншо намудааст, ки аксарияти он ба илми риёзӣ ва нуҷум ихтисос дорад. Ҷолиб он аст, ки аксарияти осори муҳими илмии худро муҳаккиқи Тӯсӣ ба забони модари худ –форсӣ –тоҷикӣ иншо кардааст. Аз қабили « Зиҷи Элхонӣ», «Ахлоқи носирӣ», «Рисола дар дар илми ҳайат,«Тансуқномаи Элхонӣ» ,« Бист боб дар маърифати устуролоб» ва ғайрахо.

Дар бораи мероси илмии Хоҷа бисёр мухаккикони таърихи илм аз кабили Г. Зутер, Чорч Сартон, Хоҷа Халифа, Мамдбейли, Б.А. Резенфелд, Г.П. Матвеская, Ф. Сезгин, М. Диноршоев, Мударриси Разавӣ ва дигарон хабар додаанд.

Насириддини Тӯсӣ бори аввал дар таърихи илми риёзӣ ададҳои мусбату манфиро дар асари худ«Шакл –ул-Китъа» пешниход кард, ки аврупоиён онро баъди 400 сол кашф карданд. У аввалин касест, ки назарияи курравии ҳамвории чортарафа ва секундҷаи курравии қутбиро пешниҳод кардааст. Хизмати Тӯсӣ оид ба хатҳои мусовӣ трогонометрияро ба илми мустақил табдил дод ( М.М. Рожон, Г.П. Мат. 1999, с.33) ва барои геометрияи ғайриэвклидӣ замина фароҳам овард.

Хизмати ӯ дар илми нучум ва ҳайат (астрономия) хеле баарзиш ва доманадор аст.

Асарҳои ӯ «Зиҷи Элхонӣ», «Рисола дар илми ҳайат», «Бист боб дар маърифати устуролоб», «Рисолаи муъиния» ва шарҳу рисолаҳои дигар дар тақомул ва пешрифти ин соҳаи илм дар асрҳои миёна ва баъдина хеле бузург ва назаррас аст. Тӯсӣ алабатта давомдихандаи назарияи геосентрикии олам, ки Батлимус (Птолемей) асос гузошта буд, мебошад вале баъзе конуниятҳои онро такмил додаст. Аз он ҷумла тағйирпазирии миёнаи ҳаракати сайёраҳоро аз диди нав шарҳу такмил додаст.

Ба мероси таронбаҳои Ҳоҷа Насриддини Тӯсӣ дар Тоҷикистон аҳамияти махсус дода мешавад. Дар бисёр риштаҳои таълифоти ӯ тадқиқот бурда шудааст. Олимони тоҷик М.Осими, М.Диноршоев, Ф. Абдуллозода, Г.Собиров, И. Хоҷаев, Х.Мақсадов ва дигарон паҳлӯҳои мухталифи осори ӯро баррасӣ намуданд, аммо таълифоти дар риштаи нучуму ҳайати ӯ ба таври назаррас омӯхта нашудааст. Дастхатҳои дар ин ришта будаи ӯ, ки дар китобхонаи ба номи Фирдавсӣ, ганҷинаи дастнависҳои ба номи А.Мирзоев ва китобхонаи Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рудакӣ нигаҳдорӣ мешавад, қариб ки омӯхта нашудааст.

Асрҳои XII-XV дар торих аз диди сиёсию иҷтимоӣ хунинтарин даврони хиттаи Осиёи Марказӣ ва Эрон ба ҳисоб меравад. Вазъияти нобасомони ҷангҳои доҳидӣ, кашмокашиҳои дарборӣ, суст шудани давлатдории марказӣ ҳама инҳо боиси он шуда, ки ӯрдии муғулу тотор ба зуди ин хиттаро зери тасаруфи худ дароранд.

Муғулони ақлтираву вахшӣ бо бадтарин вахшониятҳои гӯшношунид мамлаккатро ғасб ва ғорат намуда, одамонро сар зада марзу буми озободро ба хоку оташ яксон намуданд. Ба қавли маррихин омаданду сӯхтанду тохтанду бурданд. Кор то ба он ҷо расид, ки шаҳрхои азимеро зери об мононданд ( Гурганч, Марв). Табиист, ки баъди ҳамаи ин ваҳшоният ҳоли илму адаб, санъату меъмоӣ чӣ гунна боқӣ хоҳад монд.

Бо вуҷуди ҳамаи ин вахшониёту харобкориҳо оташи илму маърифати халқи созанда ва офарандаи тоҷик хомӯш нашуд. Боз фарзандону мардони бедори хушманди ин миллати пуртоқат ба майдани набарди маънавиёт, ба майдони ақлу заковат, донишу илм ба рағми ҷаҳлу торикӣ,нодониву вахшигарӣ бархостанд. Ин буд, ки чароғи ҳазорсолаҳо фурӯзони илму маърифати обогии худро фурғон нигоҳ доштанд ва ҳатто дурахшонтару фурӯзонтар намуданд.

Асри IX-XV бисёр бузургони халқи тоҷикро ба олам додааст, ки ҳар яке ситораҳоянд дар осмони илму фарҳанги башарӣ. Номбар кардани чунин бузургон аз қабили Ибни Сино,Абӯрайҳон Берунӣ,Насириддини Тӯсӣ, Умари Хайём, Қутбиддини Шерозӣ, Алии Қушчӣ, Қозизоди Румӣ, Мувайиддини Ӯрдӣ ва дигару дигарҳо басандааст, ки дар ғанӣ гардонидани илму фарҳанги башарӣ миллати мо бо чунин фарзандони фарзонаи худ саҳми сазовори хешро гузоштааст.

Бо вуҷуди он, ки ҳокимият аз дасти сулолаҳои маҳаллии тоҷикӣ ба дасти туркони саҳроӣ гузашта буд, вале системаи нигаҳдории давлатӣ, коргузории маъмурӣ ҳамон тавре, ки собиқ буд, боқӣ монда буд.

Табиист, ки шоҳони ғазнавию салҷуқӣ, хоразмӣ ва дигар сулолаҳои ҳамон сохторҳои даврони сомонӣ, махсусан ҷалб кардани олимону шоиронро ба дарбор давом медоданд. Ин анъана дар дарбори шоҳони эронитабори Оли Бувайҳ ва Зиёрияи Рай ва Табаристон низ идома дошт.

Асрҳои IX -XV–ро дар торихи илм шартан даврони «тиллои»-и тамаддуни форсу-тоҷик меноманд, зеро дар ин даврон илму фарҳанг, санъату адабиёт ва дигар бахшҳои ақлонии инсоният ба қуллаҳои баланди худ расида буд. Дар ин даврон адабиёти бузурги форс –тоҷик, забони адабии он ривоҷу равнақ ёфт. Дар баробари ин илм, хусусан илмҳои табиатшиносӣ аз қабили риёзӣ, нуҷум, маъданшиносӣ, тиб, кимиё ва ғайра ривоҷу равнақ ёфт. Олимони бузурге чун Ибни Сино, Берунӣ, Хайём, Насириддини Тӯсӣ, Ҷамшеди Кошонӣ, ки дар илми ҷаҳонӣ мавқеи хоса доранд, парвардаи ин давру замонҳоянд.

Дар торихи илм он фикр роиҷ аст, ки илмҳо нақлию ақлӣ мешаванд. Ин аз рӯи радбандии классикии гузаштаи мо бармеяод. Ба илмҳои ақлӣ фақат олимони эронӣ сарукор ва илмҳои нақлиро илми арабӣ гӯянд, бо вуҷуди оне, ки абармардони иронӣ дар ҳар ду бахши ин илмҳо дастболо будаанд.

Дар тамаддуни асримиёнагии форсу тоҷик дар баробари назму насри волои форсу тоҷик, тамоми риштаҳои улуми табиатшиносӣ, аз он ҷумла нуҷум, риёзӣ, ҳандаса, ҷуғрофия, физик ва кимиё, тибб ва фалсафа, маъданшиносӣ ва ҷонваршиносӣ ва ғайра низ дар авҷи тараққиёт буд.

Халқе, ки ба олами шеъру адаб ба мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Мавлавӣ, Носири Хусрав, Хайём, Низомӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Абдураҳмони Ҷомӣ, Восифӣ ва дигару дигар бузургони адабро ба чаҳон додааст, албатта, дар соҳаи илм низ чунин абармардонро медиҳад.

Мунаҷҷимон ва ҳайатшиносони асрҳои X-XIII илми нуҷумро яке аз илмҳои зарурӣ ва ҳаётӣ мешумориданд. Танҳо дар зарфи ду аср- X-XI мунаҷҷимон ва ҳайатшиносони эронитабор расадҳои бисёр дар саросари қаламрави кишварҳои исломӣ, хусусан Эрону Мовароуннахр таъсис кардаанд, ки баъзеи онҳоро номбар кардан мумкин аст.

1.Расадхонаҳои сохташуда ба воситаи Абурайҳони Берунии Хоразмӣ дар Хоразм ба қавли ҷамъи нигорандагони торихи илми даврони то истилои муғул, даврони шукуфоӣ, пешрафт ва инкишофи улум дар Шарқи ислом ба ҳисоб меравад. Махсусан пешрафти илмҳои табиатшиносӣ то ин замон хеле инкишоф ва равнақ дошт. Барпо шудани як қатор ҳавзаҳои илмӣ дар Эрон ва Осиёи Марказӣ ва дар онҳо сохта шудани расадхонаҳо худ гувоҳи гуфтаҳои болост.

Илми нуҷум ва ситорашиносӣ, ки аз замони қадим таваҷӯҳи инсониятро ба худ мекашид, дар ин давра хеле тараққӣ карда буд.

Тартиб додани зиҷҳо: сохтани ситорасанҷҳо, махсусан пеш рафта буд.

Зиҷҳои машҳур чун «Зиҷи Маликшоҳӣ» (Хайём) ва «Зиҷи Элхонӣ» (Насриддини Тӯсӣ) далели пешрафти илми нуҷум ва ситорашиносӣ дар ин давраҳо ба ҳисоб меравад. Зиҷе, ки Умари Хайём тартиб додаст, то ба имрӯз дақиқтарин зиҷи олам ба ҳисоб меравад, ки онро Умари Хайём дар даврони ҳукмронии Маликшоҳи Салҷуқӣ иншо намуда , ба ин подшоҳ бахшидааст. Олимони ин давр ба сохтани зиҷҳо маҳдуд нашуда ,як катор навовариҳо дар риштаҳои илм ба субот расонидаанд. Онҳо бори аввал ҷойгиршавии ситорагони собитаро нашр намуданд.

Харитаи ситорагони маълулро тартиб доданд, гирифти Моҳтобу Офтобро аз диди нав шарҳу эзоҳ доданд, чанд олоту абзори ситорасанҷии нав ихтироъ намудаанд, ки баъдан низ мавриди истифодабарии олимон қарор гирифтааст. Дастовардҳои олимони ин давраҳо (асрҳои X-XIII) дар мавриди шумораи сайёрот ва таъсироти онҳо ба коинот ва инсон хеле ҷолиб аст.

2. Расадхонаи Шарифудавлаи Оли Бувайҳ, ки Абдуҳамид Аҳмад ибни Маҳмуди Соғонӣ (соли вафоташ 990) ва Абусаҳл ибни Рустами Кӯҳӣ (асри X-XI)- дар он ба расад мепардохтаанд.

3. Расадхонаи таъсисшуда ба воситаи Ибни Сино.

